# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6Б.КОА-040 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ Ҷ.Т оид ба диссертатсияи номзадии барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси - 10.02.22 - Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ)

1. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Юсупова С.А. «Таҳлили луғавӣ-семантикӣ ва сохтории воҳидҳои луғавии марбут ба наботот дар шеваи ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ» муҳими илмӣ ба шумор меравад. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф ҳам барои илми забоншиносии тоҷик арзиши махсуси амалӣ дорад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мувофик; мебошад.

**Моҳияти назарявии диссертатсия** омӯзиш ва баррасии илмии хусусиятҳои луғавию семантикии гурӯҳҳои мавзӯӣ ва сохтории калима ва истилоҳоти соҳавӣ дар муайян сохтани роҳи таърихии лаҳҷаҳо ва тараққиёти мунтазами забон ва шеваҳо мусоидат мекунад. Ҷамъоварӣ ва таҳқиқи воҳидҳои луғавии мансуб ба растаниҳо барои пурра кардани истилоҳоти соҳавии забони меъёр ва нишон додани нирӯмандии манбаъҳое, ки забони меъёр аз онҳо неру мегирад, омили муҳим мебошад. Азбаски воҳидҳои луғавии ин соҳа асосан тоҷикӣ мебошанд, истифодаи онҳо дар забони меъёр барои иваз кардани баъзе калимаҳои иқтибосӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Таҳқиқи як гурӯҳи алоҳидаи мавзӯӣ ҷиҳати пурратар омӯхтани ин соҳа мусоидат карда, барои нишон додани хусусиятҳои хоси калимаҳои сода ва дар заминаи онҳо ташаккули воҳидҳои луғавии мансуб ба растаниҳо тавассути унсурҳои гуногуни калимасоз, сермаҳсулию каммаҳсулии қолибҳои

мавҷуда, омори лексемаҳои бо ин қолибҳо ба вуҷуд омада, аҳамияти назариявии тадқиқотро муайян менамояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он метавонанд, барои тадвини луғати соҳавии марбут ба наботот истифода шаванд. Диссертатсия ва мақолаҳои чопшуда барои дарсҳои амалию назариявии фанҳои лексикаи забони адабӣ, шевашиносӣ ва масоили марбут ба калимасозӣ дорои аҳаммият мебошанд. Ҳамчунин, хулосаҳои илмии диссертатсия барои таҳияи барномаҳои таълимии шевашиносӣ, назарияи калимасозӣ, китобҳои дарсии марбут ба фанни шевашиносӣ ва масоили калимасозии шеваҳо истифода шаванд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни тадқиқот ба шиносномаи ихтисоси 10.02.22 - Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Америко ва Австралия (забони тоҷикӣ), ки аз руйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиди фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 27 апрели соли 2017 таҳти №1/3 худуди қабули диссертатсияро барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон тадқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, таҳти №1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар 4 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тадризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия (бо дадми умумии 1,5 ҷузъи чопӣ) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои тадқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро "" ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Юсупова С.А. истифодаи мавод

бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муалиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳад.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешнидодшудаи Юсупова С.А. маълумоти гайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи мақолаҳои аз тарафи довталаб чопгардида, вуҷуд надорад.

6. Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 26 ноябри соли 2016, тахти № 505 тасдиқ, гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

7. Диссертатсияи Юсупова Сурайё Абдумаҷидовна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикӣ ва сохтории воҳидҳои луғавии марбут ба наботот дар шеваи ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ» барои дарёфти дарадаи илмии номзади илмхои филология аз руйи ихтисоси 10.02.22 - Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) барои ҳимоя қабул карда шавад.

8. Мукарризони расмӣ аз руйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм, мудири кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Сангинова Раҳиба Иномовна, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи фарҳангшиносӣ ва забонҳои Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат

9. Ба ҳайси муассисаи такриздиханда Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода карда шавад.

10. Автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои филологӣ,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ С. Назарзода

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои филологӣ,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ С. Сабзаев

доктори илмҳои филологӣ,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ П. Нуров